Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ), пешниҳод карда шудааст.**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба равандҳои бавуқуъоянда дар самти рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва рақамикунонии босуръати равандҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатӣ хусусияти электрониро касб намуда истодааст. Махсусан, болоравии тақозо ба хизматрасониҳои рақамӣ, беҳтаргардии раванди идоракунии давлатӣ, болоравии дастрасии тамоми табақаҳои аҳолӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ, рушди технологияи инноватсионӣ, авҷгирии рақобат ва пайгирии брендҳои глобалӣ усули анъанавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро камаҳмият гардонида, таваҷҷӯҳро ба рақамикунонии он зиёд кардааст. Ҳамзамон интизории шаҳрвандони бархурдоргашта аз афзалиятҳои ҷомеаи рақамӣ зарурати дарёфти роҳу усулҳои дастёбӣ ба шаклҳои рақамии хизматрасониҳои давлатӣ муҳим гардонида, талаботро ба сифат, суръат ва қуллайии чунин хизматрасониҳо зиёд мегардонад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» 12 октябри соли 2022, №869, асосан зарурати таҳия ва татбиқи сиёсати давлатиро дар самти савдои электронӣ танзим намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ, инчунин таъмини фаъолияти онҳо равона гардидааст, таъмин менамояд, нишон медиҳад, ки ин ба раванди татбиқи иқтисоди рақамӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин татбиқи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва рушди он, ки яке аз омилҳои татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди рақамӣ ба шумор меравад, дар шароити кунуни масъалаи ҳалталаб маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии ба тақриз пешниҳодгардида дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Аз автореферати диссертатсия мушоҳида карда мешавад, ки навгониҳои илмии таҳқиқот аз заминаи назариявӣ - методӣ, омилҳои таъсиррасон ба

рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ барои аҳолӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшуда ба сатҳи мукаммалгардонии назария ва амалияи идоракунии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, мусоидат намуда, раванди ташаккул ва татбиқи иқтисоди рақамиро дар кишвар ривоҷ медиҳад. Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонад барои таҳлил ва баҳогузорӣ намудани ҳолати ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад.

Муаллифи автореферат дуруст қайд намудааст, ки дар мамлакат имконияти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ танҳо баъди пурра татбиқ шудани лоиҳаи ҳукумати электронӣ имконпазир аст. Аз ҷониби муаллиф вобаста ба ин, 4 марҳилаи рушди асосҳои институтсионалии бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷудо карда шуда асоснок карда шудааст (саҳ.20). Муаллиф қайд мекунад, ки ҳангоми пешбурди хизматрасониҳои давлатии электронӣ равиши аутсорсингӣ низ муҳим аст. Аҳамияти аутсорсинг дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, пеш аз ҳама, дар нигоҳ доштани фаъолияти муассисаҳои давлатӣ дар доираи фаъолияти касбии асосиашон, кам кардани талабот ба кормандон, сарфаи маблағҳои буҷетӣ, тезонидани раванди иҷрои амалиёт ва коҳиши хароҷоти моддӣ ифода меёбад (саҳ. 25).

Яке аз бартариҳои автореферати тақризшаванда дар он аст, ки муаллиф бо истифодаи маълумоти дақиқи оморӣ тавонистааст ҳолати муосир ва тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мушкилоти асосии дар ин самт мавҷударо ошкор ва барои ҳалли онҳо тавсияҳои мушаххаси амалӣ пешниҳод намудааст.

Ба андешаҳои муаллиф розӣ шудан мумкин аст, зеро қайд менамояд, ки зарурати қабули «Стратегияи давлатии баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» -ро асоснок ва пешниҳод намудааст (саҳ. 44).

Дар маҷмуъ, чуноне ки аз автореферат маълум гардид, диссертатсия дар мавзуи хело мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботи муқарраршуда ҷавобгу мебошад. Вобаста ба ҷиҳатҳои мусбии зикршудаи автореферат чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибуллозода М.Ҳ. мустақил ва дар сатҳи зарурӣ таълифгардида ба шумор меравад.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

Дар автореферат дар баробари нуктаҳои муфиди аҳамияти илмию таҳқиқотидошта, баъзе нуқсон низ ба назар мерасад:

1. Дар матни автореферат баъзе мафҳумҳои баҳсталаб нисбати такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба чашм мерасад.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, мазмун ва моҳияти авторефератро тағийр намедиҳанд.

Бояд хулоса баровард, ки сохтори автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
Маҳаллаи 28, х-2Б, ҳ-10
Тел: (+992) 92 845 00 54
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

«10» 08 2026с.

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39.
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: rector@hgu.tj

«10» 08 2026с.